«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори МД «Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ»
____________Маҳмадбекзода М.Ш.
«__21__» ______01______ 2026

**ТАҚРИЗ**

**ба диссертатсияи Абдуллозода Хосамоҳ Худойдод дар мавзуи “Таҳкими сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат пешниҳод гардидааст.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ва соҳаи илми эълоншуда.**

Диссертатсияи Абдуллозода Хосамоҳ Худойдод дар мавзуи “Таҳкими сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба қисмҳо ва бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнатмувофиқат мекунад, аз ҷумла, бандҳои: 1. Асосҳои назариявӣ ва методологии иқтисодиёти меҳнат; назария ва консепсияи рушди муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ (назарияи шуғл, бозори меҳнат, идоракунии меҳнат ва ғайраҳо); 2. Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодӣ ва самаранокии иқтисодиву иҷтимоӣ; 3. Муаммоҳои назариявию методологии дар бозори меҳнат ва муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ; 6. Бозори меҳнат: сохтор ва бахшҳои он; шуғли аҳолӣ, бекорӣ (намуд ва шаклҳои асосӣ, оқибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ); 13. Танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ; таъсири муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ба рушди иқтисодиёт ва соҳаҳои он; 14. Сиёсати иҷтимоӣ, рушди иҷтимоӣ ва бехатарии иҷтимоӣ.

**Мубрамӣ ва зарурияти баргузории тахкикот.**

Дар деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи шуғли аҳолӣ то ҳол яке аз мушкилоти асосии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Аксари аҳолии деҳот ба фаъолияти анъанавӣ, махсусан кишоварзӣ машғуланд, ки он ҳамеша наметавонад даромади устувор ва ҷойи кори доимиро таъмин намояд. Маҳдуд будани имкониятҳои корӣ боиси зиёд шудани бекорӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ ва паст шудани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот мегардад.

Дар чунин шароит, рушди шуғли алтернативӣ ҳамчун роҳи муҳим ва самараноки беҳтар намудани вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии деҳот аҳамияти махсус пайдо мекунад. Шуғли алтернативӣ имконият медиҳад, ки аҳолӣ ғайр

аз кишоварзӣ дар соҳаҳои дигар, аз ҷумла соҳибкории хурд, коркарди маҳсулот, хизматрасонӣ ва фаъолиятҳои хонагӣ машғул шаванд. Ин ба зиёд шудани манбаъҳои даромад, истифодаи самараноки захираҳои маҳаллӣ ва коҳиши вобастагӣ аз муҳоҷирати меҳнатӣ мусоидат мекунад.

Бо дарназардошти ин, таҳкими сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини шуғли алтернативӣ дар деҳот зарурати воқеӣ дошта, барои рушди устувори иқтисоди деҳот, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва таъмини суботи иҷтимоӣ аҳамияти амалӣ дорад. Аз ин рӯ, омӯзиши илмии ин масъала дар шароити имрӯза саривақтӣ ва муҳим мебошад.

**Сахми шахсии довталаби дарачаи илмӣ дар тахкикот.**

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот аз таҳия ва асосноккунии илмии масъалаи таҳкими сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад. Дар ҷараёни таҳқиқот муаллиф мустақилона маводи назариявӣ ва иттилооти омориро ҷамъоварӣ ва таҳлил намуда, вазъи кунунии шуғли аҳолии деҳот ва мушкилоти асосии рушди онро муайян кардааст.

Довталаб мафҳуми шуғли алтернативиро дар шароити иқтисодиёти деҳоти Тоҷикистон шарҳ дода, самтҳои афзалиятноки рушди онро пешниҳод намудааст. Ҳамчунин нақши сиёсати давлатӣ дар ташкили ҷойҳои нави корӣ, рушди соҳибкории хурд ва беҳтар намудани имкониятҳои шуғли аҳолии деҳот таҳлил гардидааст.

Дар натиҷаи таҳқиқот пешниҳодҳо ва тавсияҳои амалӣ оид ба такмили механизмҳои дастгирии давлатии шуғли алтернативӣ таҳия шуда, онҳо метавонанд дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, барномаҳои рушди деҳот ва таҳияи сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ истифода шаванд. Ҳамаи натиҷаҳо, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар кор пешниҳодшуда натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи муаллиф мебошанд.

**Натичахои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, ахамияти илмӣ ва амалии онхо), кн барои он ба довталаб додани дарачаи илмии дархостшаванда додан мумкин аст.**

Навгонии илмии диссертатсия дар таҳия ва асосноккунии заминаҳои назариявӣ ва методии таҳқиқи шуғли алтернативӣ (ғайрикишоварзӣ) дар иқтисодиёти деҳот ифода меёбад. Дар раванди таҳқиқ равишҳои нави баҳодиҳии шуғли алтернативӣ пешниҳод гардида, ҳамзамон тавсияҳои консептуалӣ ва амалӣ ҷиҳати таҳкими сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ ва такмили механизмҳои танзими он таҳия шудаанд.

Натиҷаҳои асосии илмие, ки навовариҳои таҳқиқотро муайян мекунанд, аз инҳо иборат мебошанд:

– сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ ҳамчун ҷузъи муҳими сиёсати иҷтимоӣ мавриди арзёбии илмӣ қарор дода шуда, асоснок карда шудааст, ки моҳият ва механизми татбиқи он бояд бо дарназардошти фаҳмиши муосири шуғл дар шароити иқтисоди бозорӣ такмил дода шавад. Шуғл ҳамчун иштироки фаъоли аҳолии қобили меҳнат дар намудҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ (кории шартномавӣ, соҳибкорӣ, худмашғулӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ) баррасӣ гардида, зарурати таъмини ҳифзи иҷтимоии онҳо аз ҷониби давлат таъкид шудааст;

– исбот карда шудааст, ки шуғли алтернативӣ натиҷаи раванди объективии диверсификатсияи шуғл мебошад. Дар шароити деҳот хонаводаҳо барои беҳтар намудани сатҳи зиндагии худ якчанд намуди фаъолиятро интихоб мекунанд ё қисман ва ё пурра ба шуғли ғайрикишоварзӣ мегузаранд, ки ин ба зиёд шудани манбаъҳои даромад мусоидат менамояд. Заминаҳои пайдоиши шуғли алтернативӣ аз нуқтаи назари таъмини воситаҳои устувори зиндагӣ асоснок гардида, равишҳои методии баҳодиҳии он аниқ карда шудаанд;

– хусусиятҳо ва тамоюлҳои асосии шуғл дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудаанд, аз ҷумла сатҳи пасти диверсификатсияи фаъолиятҳои иқтисодӣ, бартарии шаклҳои анъанавии истеҳсолот, сарбории баланди демографӣ ва зиёдатии қувваи корӣ. Исбот шудааст, ки ин омилҳо боиси рушди шуғли ғайрикишоварзӣ ва афзоиши муҳоҷирати меҳнатӣ мегарданд;

– роҳҳои такмили механизми дастгирии давлатии ташкили шаклҳои алтернативии шуғл дар деҳот асоснок карда шудаанд. Аз ҷумла, рушди ҳунарҳои мардумӣ (гулдӯзӣ, бофандагӣ, тӯрбофӣ аз ашёи маҳаллӣ), агротуризм, асалпарварӣ ва коркарди саноатии ашёи хоми маҳаллӣ (маҳсулоти бофандагӣ, ҷамъоварӣ ва коркарди меваҳои худрӯй, занбурӯғҳо ва ғайра) ҳамчун самтҳои афзалиятнок пешниҳод гардидаанд;

– асосҳои консептуалӣ ва принсипҳои асосии таҳияи самтҳои стратегии рушди шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот пешниҳод шуда, зарурати ворид намудани онҳо ба сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ асоснок карда шудааст. Иқтисодиёти деҳот ҳамчун низоми мураккаби соҳаҳо ва намудҳои гуногуни фаъолият, инчунин маҷмӯи иштирокчиёни муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ баррасӣ гардида, зарурати истифодаи самараноки захираҳои маҳаллӣ таъкид мегардад.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти илмии таҳқиқот дар рушди заминаҳои назариявӣ ва методии омӯзиши шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот ифода меёбад. Дар кор мафҳуми шуғли алтернативӣ дар шароити иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххас гардида,

хусусиятҳо ва омилҳои ташаккули он таҳлил шудаанд. Инчунин равишҳои баҳодиҳии сатҳ ва самаранокии шуғли ғайрикишоварзӣ такмил дода шуда, ки метавонанд дар таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ вобаста ба бозори меҳнат ва сиёсати шуғли аҳолӣ истифода шаванд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва маҳаллии идоракунии меҳнат ва шуғл, ҳангоми таҳия ва татбиқи барномаҳои давлатии рушди деҳот ва шуғли аҳолӣ, инчунин дар таҳияи лоиҳаҳои дастгирии соҳибкории хурд ва худмашғулӣ истифода шаванд. Маводи таҳқиқот метавонад ҳамчун асос барои такмили механизмҳои дастгирии шуғли алтернативӣ, коҳиши сатҳи бекорӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот хизмат намояд.

Илова бар ин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҳангоми омӯзиши фанҳои иқтисоди меҳнат, иқтисодиёти деҳот ва сиёсати иҷтимоӣ истифода бурда шаванд.

**Дарачаи асоснокӣ ва сахехии мукарраротi илмӣ ва хулосаву пешниходот.**

Дараҷаи асоснокӣ ва саҳеҳии муқарраротi илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодоти дар диссертатсия пешниҳодшуда дар асоси истифодаи васеи усулҳои муосири таҳқиқоти иқтисодӣ таъмин гардидааст. Дар ҷараёни таҳқиқот таҳлилҳои назариявӣ, усулҳои оморӣ, муқоисавӣ ва таҳлили иқтисодӣ истифода шуда, онҳо имкон додаанд, ки натиҷаҳо ба таври мантиқӣ ва илмӣ асоснок карда шаванд.

Асоснокии хулосаҳо бо такя ба маводи омории расмии мақомоти давлатӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмии ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин таҳлили воқеии вазъи шуғли аҳолии деҳот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин шудааст. Маълумоти истифодашуда санҷида шуда, натиҷаҳои ҳисобу таҳлилҳо байни худ мутобиқат доранд ва тамоюлҳои воқеии рушди шуғли алтернативиро инъикос менамоянд.

Саҳеҳии пешниҳодҳои амалӣ бо мувофиқати онҳо ба шароити иҷтимоӣ-иқтисодии деҳот, имкониятҳои институтсионалӣ ва сиёсати амалкунандаи давлатии шуғли аҳолӣ асоснок гардидааст. Пешниҳодҳо характери амалӣ дошта, метавонанд дар таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди деҳот, танзими бозори меҳнат ва такмили механизмҳои дастгирии шуғли алтернативӣ истифода шаванд.

Бо ин тарз, муқарраротi илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодоти диссертатсия аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва аз нигоҳи амалӣ саҳеҳ буда, ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ҷавобгӯ мебошанд.

**Арзёбии мундаридаи диссертатсия ва дарачаи ба итмом расидани он.**

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат мебошад.

Дар **муқаддима** зарурати интихоби мавзӯъ аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ асоснок гардида, сатҳи коркарди он дар адабиёти иқтисодии ватанӣ ва хориҷӣ таҳлил шудааст. Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, объекти ва предмети омӯзиш, навовариҳои илмӣ, аҳамияти назариявию амалӣ, инчунин дараҷаи асоснокӣ ва саҳеҳии натиҷаҳои бадастомада муайян карда шудаанд.

Дар **боби якум – «Асосҳои назариявии таҳқиқи сиёсати давлатии шуғл ва шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот»** мафҳум ва моҳияти шуғлнокии аҳолӣ ҳамчун категорияи иҷтимоӣ-иқтисодӣ баррасӣ гардида, равишҳои назариявии таҳлили шуғл ва сиёсати давлатии шуғл ҷамъбаст шудаанд. Моҳият ва хусусиятҳои иқтисодиёти деҳот дар шароити ислоҳоти аграрӣ таҳлил гардида, нақши шуғли алтернативӣ ҳамчун механизми мутобиқшавии аҳолии деҳот ба тағйироти бозори меҳнат асоснок шудааст. Барои шарҳи равандҳои шуғли ғайрикишоварзӣ аз консепсияи «чорчӯбаи устувори зиндагӣ» истифода бурда шуда, стратегияҳои мутобиқшавӣ, зинда мондан ва андӯхтани хоҷагиҳои хонагӣ муайян гардидаанд.

Дар **боби дуюм – «Таҳлил ва арзёбии ҳолати шуғлнокӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон»** вазъи кунунии бозори меҳнат дар деҳот, динамикаи аҳолӣ, захираҳои меҳнатӣ, сатҳи шуғл ва бекорӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Нишон дода шудааст, ки афзоиши аҳолии деҳот, маҳдудияти ҷойҳои кори устувор, сатҳи пасти ҳосилнокӣ ва музди меҳнат сабабгори густариши шуғли алтернативӣ ва ғайрирасмӣ мегарданд. Дар асоси таҳлили омори расмӣ ва таҳқиқоти сотсиологӣ дар ноҳияҳои Данғара ва Восеъ соҳаҳои асосии шуғли алтернативӣ, сатҳи даромад ва хусусиятҳои иҷтимоии машғулин муайян карда шудаанд.

Дар **боби сеюм** (агар дошта бошӣ) механизмҳо ва самтҳои асосии такмили сиёсати давлатии мусоидат ба рушди шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот пешниҳод гардида, тадбирҳои амалӣ ҷиҳати диверсификатсияи шуғл, дастгирии соҳибкории деҳот, баланд бардоштани сатҳи малакаи касбӣ ва коҳиши шуғли ғайрирасмӣ асоснок карда шудаанд.

Дар **хулоса** натиҷаҳои асосии таҳқиқот ҷамъбаст шуда, пешниҳодҳои илмӣ ва амалии муаллиф барои такмили сиёсати давлатии шуғли аҳолии деҳот ва рушди устувори иқтисодиёти деҳот ироа гардидаанд.

**Тасдиқи инъикоси натиҷаҳои кори диссератсионӣ дар нашрияҳои илмӣ.**

Дар асоси маводи диссертатсия 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Сохтори диссертатсия дар асоси мақсаду вазифаҳои дар он

гузошташуда муайян карда шудааст. Диссертатсия аз муқаддима, се боби матни асосӣ, хулоса, фехристи адабиёт иборат аст.

**Эроду тавсияҳо доир ба диссератсия.**

1.Доираи масъалаҳое, ки ҳаллу фасли онҳо чум ҳадафи асосии диссертатсия муайян шудаанд, хеле васеъ ва гуногунпаҳлӯ мебошанд. Албатта ҳаллу фасли ҳамаи онҳо ғайриимкон мебошад. Хамчунин, дар диссертатсияи тақризшаванда масъалаҳои шугли бакайдгирифтанашуда таҷассум наёфтаанд.

2. Агар дар параграфии 1.3- Иқтисоди деҳот ҳамчун макони рушди шуғли алтернативӣ соҳаҳои иқтисодиёти деҳот, ки дар он шугли алтернативӣ бештар мавҷуд аст, таснифу тавсиф дода мешуд, боз ҳам самти илмии ин параграф меафзуд

3. Муаллиф дар хулосаи боби дуюм таъкид намудааст, ки "Шуғлнокии алтернативӣ дар манотиқи деҳот аксар вақт бо камбизоатӣ алоқаманд аст". Ин баҳсталаб ҳам мебошад, зеро тоифаи муаяйни аҳолии ва хонаводаҳои дорои дармади миёна низ ба шуғли алтернативи шомил мебошад, ки ин масаъла таҳқиқи фарогир нашудааст

4. Муаллиф хеле ба маврид дар бораи дирижизм – сиёсати давлат ки давлат мустақиман ба назорат ва самарабахшии соҳаҳо ва таъмини шуғл мусоидат менамояд, таваҷӯҳ додааст. Ин ҷо принсипҳои банақшагирии индикативии давлатиро таъкид намудааст. Агар дар доираи ин принсип нақшаи дарозмуддати таъминоти шуғлро дар иқтисоди деҳот пешниҳод менамуд, сифати амалии кор боз ҳам меафзуд.

5. Дар манотиқи деҳоти мамлакат шиддатнокии бозори меҳнат ва ё қувваи кори эҳсос мешавад, яъне изофагии қувваи кори мушоҳида мешавад, Бинобар он яке аз роҳҳои паст намудани шиддатнокии бозори меҳнатро таъмини рушди алтернативӣ ва ё ғайрикишоварзӣ тавасссути кушодани корхонаҳои ғайрикишоварзӣ мебошад. Аммо, дар ин ҷода пешниҳодти муаллиф кам ба назар мерасад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсиоиии назди Президеити Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Кори диссертатсионии Абдуллозода Хосамоҳ Худойдод дар мавзуи "Таҳкими сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат пешниҳод шудааст, ба талаботҳои бандҳои дахлдори Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо ва авторефератҳо барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии

атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №3 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад.

**Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба кори диссертатсионӣ ва сазовор донистан ба дараҷаи илмӣ.**

Кори диссертатсионии Абдуллозода Хосамоҳ Худойдод **дар мавзуи** «Таҳкими сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат пешниҳод гардидааст, таҳқиқоти мустақилона ба итмом расондашуда буда, дорои унсурҳои навгонӣ ва арзишҳои муҳими илмӣ ва амалӣ мебошад.

Диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ, бо баёни равону фаҳмо ва бо риояи талаботи забони давлатӣ ва меъёрҳои қабулшудаи корҳои илмӣ навишта шудааст. Мазмун ва сохтори кор ба ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда пурра мутобиқат дошта, натиҷаҳои таҳқиқот бо далелҳои боэътимоди илмӣ асоснок гардидаанд.

Автореферат ва мақолаҳои илмии чопшудаи довталаб мазмуни асосии диссертатсияро пурра инъикос намуда, байни онҳо ва матни диссертатсия мутобиқати комил ба назар мерасад. Автореферат ҳамчун ҳуҷҷати асосии дифоъ ҷанбаҳои муҳими кор, навовариҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои амалиро ба таври равшан инъикос менамояд ва талаботи муқарраршуда дар ин самт пурра риоя шудаанд.

Кори диссертатсионии Абдуллозода Хосамоҳ Худойдод дар мавзуи «Таҳкими сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти мукаммали илмӣ ба ҳисоб рафта, дорои дастоварди назарраси илмӣ мебошад ва ба талаботи бандҳои 8, 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023 таҳти №295 (№267 аз 30.06.2021) тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ мебошад. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, диссертатсия сазовори баҳои мусбат буда, арзанда аст, ки ба муаллифи он Абдуллозода Хосамоҳ Худойдод дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат дода шавад.

Такриз аз ҷониби Васиев Фаридун Махмадович номзади илмхои иктисоди, ходими калони илмии маркази тахкикоти бозори мехнати МД "Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ"- и назди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардидааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи маркази таҳлили бозори меҳнати МД "Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ"- и назди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20-

уми январи соли 2026 протоколи №3 муҳокима ва тасдиқ карда шудааст.

Натиҷаи овоздиҳӣ: дар ҷаласа иштирок доштанд: 5 нафар, бо ҳуқуқи овоздиҳӣ: 5 нафар.

Овоз доданд: тарафдор – 5 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа:**
Директори «Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ»-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон д.и.с. — Маҳмадбекзода М.Ш.

**Ташхисгар:**
Ходими калони илмии маркази таҳлили бозори мехнат, н.и.и. — Васиев Ф.М.

**Котибм ҷаласа** — Ҳамдамова Н.

**Имзои Маҳмадбекзода М.Ш., Васиев Ф.М. ва Ҳамдамова Н.- ро тасдиқ мекунам:**

Мудири шуъбаи кадрҳои «Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ»-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон — Ҷонмаҳмадов Ф.

ВАЗОРАТИ МЕҲНАТ, МУҲОҶИРАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ПАЖӮҲИШГОҲИ МЕҲНАТ, МУҲОҶИРАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛӢ» ШУЪБАИ КАДРҲО

**Маълумот барои тамос ва суроғаи муассисаи пешбар.** Муассисаи давлатии «Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ»-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 71.
Тел: (+992) 005557605
e-mail: nii-truda@mail.ru